# Протоколи

**маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

ш. Душанбе № 1 аз 11октябри 2025 с.

Ҳайати шурои диссертатсионӣ бо шумораи 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми сентябри соли 2025 таҳти №353/шд тасдиқ шудааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро, 15 нафар (2 нафар онлайнӣ) иштирок доштанд, аз инҳо 5 нафар доктор илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия мебошанд.

**ШУНИДА ШУД:** Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Каримов Баҳодур Ҳасанович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит.

Мавзуи диссертатсия: «Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ»

Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ:**

- **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Шарифов Зариф Раҳмонович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;
- **Амонова Дилбар Субҳоновна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон;
- **Кошонова Манзура Раҳматҷоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Ба автореферати диссертатсия 4 тақриз ворид гардидааст, ки ҳамааш мусбат аст.

Ба довталаб 14 савол дода шуд. Саволҳо аз ҷониби аъзоёни зерини шуро: д.и.и., проф. Умаров Х., д.и.и., проф. Дадоматов Д., д.и.и., проф. Бобоҷониён Д.Д., д.и.и., проф. Наврӯз-Зода Б.Н. (онлайнӣ), д.и.и., дотсент Маҳмадалӣ Б.Н. (онлайнӣ) пешниҳод гардид.

Дар муҳокима д.и.и., проф. Дадоматов Д., д.и.и., проф. Наврӯз-Зода Б.Н., д.и.и., дотсент Раҳимов С.Х. иштирок намуданд.

Ба ҳайати комиссияи ҳисоб инҳо интихоб шуданд: д.и.и., проф. Бобоҷониён Д.Д. (раис), д.и.и., дотсент Хоҷаев П.Д., д.и.и., дотсент Сафозода А.К.

Дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Каримов Баҳодур Ҳасанович шурои диссертатсионии 6D.KOA-100,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Каримов Баҳодур Ҳасанович дар мавзуи «Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои докторӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295)) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф мазмуну мундариҷаи таҳқиқотро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Каримов Баҳодур Ҳасанович дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори маҷлиси шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Каримов Баҳодур Ҳасановичро бо дипломи дараҷаи илмии илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит сарфароз гардонад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, зид-нест, бетараф-нест.
Қарор якдилона қабул гардид (14 нафар).

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Иброҳимзода И.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**Доктори фалсафа (PhD)** **Сайфиддинзода С.С.**